**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна дар мавзуи «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 28 саҳ).**

Низоми ҳуқуқии муосири Тоҷикистон, ки фарогирандаи марҳилаи соҳибистиқлолии кишвар мебошад, масъалаи таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо махсусиятҳои хоси худ пешбинӣ кардааст. Соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки муҳимтарин санадҳо бахри эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон қабул карда шаванд, яке аз онҳо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар Кодекси ҷиноятии ҶТ дар моддаи 310 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ки максад аз он боздоштани фаъолияти давлатӣ ё сиёсӣ мебошад бештар шакли хавфнок ва ваҳшиёнаи ҳалли низоъ дар ҳаёти сиёсии кишвар касб менамояд. Таҷовуз ба ҳаёти ходими давлатӣ ва ҷамъиятӣ объективона боиси ноором шудани вазъияти сиёсӣ ва амниятии давлат мегардад ва бо ҳамин бештар асосҳои сохти конститутсионии давлатро вайрон мекунанд.

Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ ва инчунин як қатор омилҳое, ки ҷинояти террористиро ба вуҷуд меоранд, яке аз

таҳдидҳои асосӣ ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти миллии Тоҷикистон номида шудааст. Таҳлили таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ, ҳамчунин таҷрибаи хориҷиии муқовимат бо таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда нишон медиҳад, ки терроризм дар шароити муосир аз тарафи ташкилотҳои террористӣ ҳамчун яке аз методҳои муборизаи сиёсӣ истифода мегардад.

Гуфтаҳои дар боло ироагардида аз мубрам будани мавзуи мавриди назар шаҳодат медиҳад.

Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Акилова М.М. ба паҳлӯҳои норавшани масъалаи таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ бахшида, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз аҳаммияти калон бархӯрдор аст.

Диссертатсияи Акилова М.М. фарогирандаи номгӯи ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Пажӯҳишгар дар таҳқиқоти диссертатсионии худ масъалаи «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар чор марҳалаи таърихӣ – зардуштӣ, мусулмонӣ, шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ баррасӣ намуда, бо истифода аз таҷрибаи низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик тавсияҳои муҳим пешниҳод кардааст. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки "Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз лаҳзаи пайдоиши аввалин давлатҳои тоҷикон ҳамчун ҷиноят пайдо гардид. Куштори шоҳон, вазирон, оилаҳои онҳо ва дар умум инсон на танҳо дар Авасто, балки дар дигар сарчашмаҳои ҳуқуқии замони зардуштия гуноҳи вазнин (кабира) эътироф мегардид. Дини мубини ислом одамкуширо дар умум ва куштори арбобони давлатӣ ва ҷамъиятиро махсусан маҳкум намуда,

онро ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ дохил менамуд" (саҳ. 15).

Бояд зикр намуд, ки дар омода намудани рисолаи илмӣ усулҳои умумиилмии фалсафӣ, усулҳои илмии диалектикии дарки ҳодиса ва раванди ҳаёти ҷамъиятӣ, ягонагии мазмуни иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳуқуқие, ки раванди омӯзиши илмии онҳоро таъмин менамоянд, ташкил медиҳад. Инчунин, дар рафти таҳқиқи мавзуи мазкур аз усулҳои умумӣ ва махсуси дарки падидаҳои таҳқиқшаванда дар робита бо алоқамандӣ ва вобастагии мутлақ; истифодаи усулҳои умумии таҳлил (анализ) ва таркиб (синтез), инчунин усулҳои махсуси илмӣ: мантиқӣ-расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва махсуси ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории ҷиноятии ватанӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эродҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Унвонҷӯ қайд менамояд, ки дар арсаи байналмилалӣ, вобаста ба раддабандии давлатҳои аз рӯи шохиси терроризм (бо дарназардошти омори м. 310 КҶ ҶТ) Тоҷикистон чандон мавқеи хуб надорад. Масалан, вобаста ба раддабандӣ дар соли 2016 ҷойи 56 (бо шохиси 3.086), 2017 ҷойи 72 (бо шохиси 2.43), 2018 ҷойи 74 (бо шохиси 2.233), 2019 ҷойи 50 (бо шохиси 3.948), 2020 ҷойи 45 (бо шохиси 4.180), 2021 ҷойи 97 (бо шохиси 2.095), 2022 ҷойи 47 (бо шохиси 3.988)1. Ин нишондаҳо нигаронкунанда буда, асосҳои илмии решакан кардани терроризм, ба хусус терроризми сиёсӣ тақозои замон мебошад (саҳ. 4). Дар робита ба

ин, хубтар мешуд, ки агар муаллиф пас аз овардани шохиси терроризм сатҳи омори содиршавии ҷинояти 310 КҶ ҶТ-ро дар панҷ соли охир низ нишон медод.

2. Дар автореферати диссертатсия унвонҷӯ борҳо мафҳуми терроризми сиёсиро таъкид намудаанд (саҳ. 3, 4, 5, 25). Барои таҳқиқи таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун терроризми сиёсӣ, пеш аз ҳама, таҳлили моҳият ва мундариҷаи худи категорияи терроризми сиёсӣ талаб карда мешавад. Дар таълимоти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ва сиёсатшиносӣ, мафҳуми ягонаи таърифи терроризми сиёсӣ вуҷуд надорад (саҳ. 5). Аз таҳқиқбаранда хоҳиш карда мешавад, ки масъалаи мазкурро ҳангоми ҳимояи диссертатсия асоснок намояд ва шарҳи бештар диҳад.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна дар мавзуи «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи
давлатии факултети таърих ва ҳуқуқи
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ноҳияи Рашт, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ Зокирзода З.Х.

Имзои З.Х. Зокирзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Шодизода Н.М.

«24» 08 2023 с.

Суроға: ноҳияи Рашт, кӯч. Э. Муҳидинов, тел: (83131) 21103, (83131) 21099; (83131) 21081, (83131) 21103. E-mail: dot.rasht@mail.ru.